# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
# ҚАРОР
# Правительство Республики Таджикистан
# ПОСТАНОВЛЕНИЕ

аз 25 сентябри соли 2018 № 485

ш. Душанбе

Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо
ба баъзе қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутобиқи моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

1. Ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2008, №600 «Дар бораи Тартиби хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ» тағйироти зерин ворид карда шавад:

- дар муқаддима калимаҳои «моддаи 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ»» ба калимаҳои «моддаи 11 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд;

- дар бандҳои 2, 3, 4 ва 5 калимаҳои «Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мувофиқан ба калимаҳои «Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд.

2. Ба Тартиби хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2008, №600 тасдиқ гардидааст, тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

- дар банди 1 калимаҳои «моддаи 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ»» ба калимаҳои «моддаи 11 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд;

- дар тамоми матн калимаҳои «Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ» иваз карда шаванд;

- бандҳои $6^1$,$6^2$,$6^3$,$6^4$,$6^5$,$6^6$ бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«$6^1$. Талабот оид ба ҳаҷм, мухлати иҷро ва ҳаққи хизматрасонии тиббию санитарӣ бо шартномаи тарафайн муайян карда мешавад, агар тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад.

$6^2$. Истеъмолкунанда шахси воқеӣ ё ҳуқуқие мебошад, ки дар асоси шартнома хизматрасонии тиббию санитариро фармоиш медиҳад.

$6^3$. Иҷрокунанда муассисаи давлатии тиббӣ мебошад, ки хизматрасонии тиббию санитариро барои истеъмолкунанда тибқи шартнома дар бораи хизматрасонӣ таъмин менамояд.

$6^4$. Иҷрокунанда ҳуқуқ надорад бе розигии истеъмолкунанда хизматрасонии тиббию санитарии иловагиро амалӣ намояд.

$6^5$. Муқаррароти Тартиби мазкур бо таври дастрасу возеҳ аз ҷониби иҷрокунанда ба маълумоти истеъмолкунанда расонида мешавад.

$6^6$. Иҷрокунанда уҳдадор аст, ки ҷойгир намудани маълумотро оид ба номгӯи хизматрасонии тиббию санитарӣ, нархномаи хизматрасонӣ, дар бораи шароит ва тартиби пардохти хизматрасонии тиббию санитарӣ дар сомонаи интернетии муассисаи давлатии тандурустӣ ва дар гӯшаҳои иттилоотӣ ба роҳ монад.»;

- дар банди 14 калимаҳои «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ»» ба калимаҳои «Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд;

- банди 25 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«25. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Тартиби мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.».

3. Ба зербанди 1.3 Номгӯи хизматрасониҳои тиббию санитарии ройгон ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2008, №600 тасдиқ шудааст, сархати сеюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«амалиёти хатна дар шароити дармонгоҳӣ ва беморхонавӣ;».

4. Дар зербанди в) банди 10 Барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кумаки тиббию санитарӣ дар ноҳияҳои таҷрибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017 - 2019, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 феврали соли 2017, №90 «Дар бораи Барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кумаки тиббию санитарӣ дар ноҳияҳои таҷрибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017 - 2019» тасдиқ шудааст, сархати сеюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«амалиёти хатна дар шароити дармонгоҳӣ ва беморхонавӣ;».

5. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқии вобаста ба Тартиби хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии

Дохил шуд № 140-15 « 28 » 09 2018 с
ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТИ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустиро ба қарори мазкур мутобиқ намояд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон

Эмомалӣ Раҳмон

**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ҚАРОР**
**Правительство Республики Таджикистан**
**ПОСТАНОВЛЕНИЕ**

от 25 сентября 2018 года № 485

**ш. Душанбе**

О внесении изменений и дополнений в некоторые постановления Правительства Республики Таджикистан

В соответствии со статьей 56 Закона Республики Таджикистан «О нормативных правовых актах» Правительство Республики Таджикистан п о с т а н о в л я е т:

1. Внести в постановление Правительства Республики Таджикистан от 2 декабря 2008 года, №600 «О Порядке оказания медико-санитарных услуг гражданам Республики Таджикистан учреждениями государственной системы здравоохранения» следующие изменения:

- в преамбуле слова «статьей 51 Закона Республики Таджикистан «Об охране здоровья населения»» заменить словами «статьей 11 Кодекса здравоохранения Республики Таджикистан»;
- в пунктах 2, 3, 4 и 5 слова «Министерству здравоохранения Республики Таджикистан» и «Министерством труда и социальной защиты населения Республики Таджикистан» соответственно заменить словами «Министерству здравоохранения и социальной защиты населения Республики Таджикистан» и «Министерством труда, миграции и занятости населения Республики Таджикистан».

2. Внести в Порядок оказания медико - санитарных услуг гражданам Республики Таджикистан учреждениями государственной системы здравоохранения, утвержденный постановлением Правительства Республики Таджикистан от 2 декабря 2008 года, №600, следующие изменения и дополнения:

- в пункте 1 слова «статьей 51 Закона Республики Таджикистан «Об охране здоровья населения»» заменить словами «статьей 11 Кодекса здравоохранения Республики Таджикистан»;
- по всему тексту слова «Министерством здравоохранения Республики Таджикистан», «Министерство здравоохранения

Республики Таджикистан» и «Министерства здравоохранения Республики Таджикистан» соответственно заменить славами «уполномоченным государственным органом в сфере здравоохранения», «уполномоченный государственный орган в сфере здравоохранения» и «уполномоченного государственного органа в сфере здравоохранения»;

- дополнить пунктами $6^1$, $6^2$, $6^3$, $6^4$, $6^5$, $6^6$ следующего содержания:

«$6^1$. Требования к объёму, срокам выполнения и оплате медико - санитарных услуг определяется договором сторон, если иное не предусмотрено законодательством Республики Таджикистан.

$6^2$. Потребитель - физическое или юридическое лицо, которое на договорной основе заказывает медико- санитарные услуги.

$6^3$. Исполнитель - государственное медицинское учреждение, которое обеспечивает предоставление медико- санитарных услуг потребителю в соответствии с договором об оказании услуг.

$6^4$. Исполнитель не имеет права осуществлять дополнительные медико - санитарные услуги без согласия потребителя.

$6^5$. Положения настоящего Порядка в доступной и понятой форме доводятся исполнителем до сведения потребителя.

$6^6$. Исполнитель обязан обеспечить размещение информации о перечне медико - санитарных услуг, прейскуранте услуг, условиях и порядке оплаты медико - санитарных услуг на сайте государственного учреждения здравоохранения и в информационных уголках.»;

- в пункте 14 слова «Закона Республики Таджикистан «Об обеспечении санитарно-эпидемиологической безопасности населения» заменить словами «Кодекса здравоохранения Республики Таджикистан»;

- дополнить пунктом 25 следующего содержания:

«25. Физические и юридические лица за несоблюдение требований настоящего Порядка привлекаются к ответственности в соответствии с законодательством Республики Таджикистан.».

3. Подпункт 1.3 Перечня бесплатных медико - санитарных услуг, оказываемых гражданам Республики Таджикистан учреждениями государственной системы здравоохранения, утвержденного постановлением Правительства Республики Таджикистан от 2 декабря 2008 года, №600, дополнить абзацем третьим следующего содержания:

«операции по обрезанию в амбулаторных и стационарных условиях;».

4. Подпункт в) пункта 10 Программы государственных гарантий по обеспечению населения медико - санитарной помощью в пилотных районах Республики Таджикистан на 2017 - 2019 годы, утвержденной постановлением Правительства Республики Таджикистан от 25 февраля 2017 года, №90 «О Программы государственных гарантий по обеспечению населения медико - санитарной помощью в пилотных районах Республики Таджикистан на 2017 - 2019 годы», дополнить третьим абзацем следующего содержания:

«операции по обрезанию в амбулаторных и стационарных условиях;».

5. Министерству здравоохранения и социальной защиты населения Республики Таджикистан привести нормативные правовые акты, связанные с Порядком оказания медико - санитарных услуг гражданам Республики Таджикистан в учреждениях государственной системы здравоохранения в соответствие с настоящим постановлением.

Председатель
Правительства Республики
Таджикистан — Эмомали Рахмон

РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ * ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН